«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон номзади илмҳои физика-математика, дотсент
_____________ Наҷмиддинов А.М.
«8» сентябри соли 2023

# ХУЛОСАИ

Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи унвонҷӯи Пажуҳишгоҳ Суриева Шакармо Чоршанбиевна дар мавзуи “Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши «Тоҷикон»- академик Бобоҷон Ғафуров”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

Суриева Шакармо 27 июли соли 1977 дар деҳаи Вери ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба дунё омада, фаъолияти омӯзгориро пас аз як соли дохил шудан ба шуъбаи ғоибонаи факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев (соли1996 ) дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №38- и зодгоҳаш оғоз намуда, то соли 2014 дар муассисаи зикршуда ба ҳайси омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик кор кардааст. Бинобар иваз намудани манзили истиқомат соли 2015 аввал дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 4, пас аз он (соли 2017) дар гимназияи хонандагони болаёқати ба номи А. Балъамии шаҳри Ваҳдат ба сифати омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик фаъолият намудааст.

Солҳои 2021- 2022 дар вазифаи ходими калони илмӣ ва аз соли 2022 то ин ҷониб дар вазифаи мудири шуъбаи фанҳои технологияи (таълими меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ, омодагии ибтидоии ҳарбӣ ва бознигариву такмили стандарт,барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон кор мекунад.

Суриева Шакармо солҳои 2021-2023 ба сифати унвонҷӯ дар шуъбаи тайёрнамоии кадрҳои илмӣ, илмӣ-педагогии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон фаъолият карда, имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанҳои Таърих ва

фалсафаи илм (илмҳои педагогӣ)-5 (аъло), Забони хориҷӣ (англисӣ)-4 (хуб), Педагогика-ихтисос бо баҳои 5 (аъло) супоридааст.

Роҳбари илмӣ-номзади илмҳои педагогӣ,сармутахассиси Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Туронов Султонмурод Шарофович.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи васеи шуъбаҳои фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ ва педагогикаю психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон муҳокима гардида, барои баррасӣ ба семинари илмӣ-методии Пажуҳишгоҳи рушди маориф пешниҳод гардидааст (Протоколи шуъба аз 31. 08. 2023, №04).

Семинари илмӣ-методии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионии Суриева Шакарморо бо иштироки олимон ва муқарризони расмӣ: доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Каримзода М.Б., номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Д.Маҳкамов, номзади илмҳои педагогӣ, ходими калони илмии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон  Ҷонмаҳмадова Г. мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дод.

Унвонҷӯ Суриева Шакармо оид ба мазмуни мухтасари диссертатсия, натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастовардааш мухтасар баромад карда, хулосаю тавсияҳои методиашро оид ба ташаккули тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров манзури иштирокдорони ҷаласа намуд ва ба саволҳои додашуда ҷавобҳои мушаххас дод.

Дар муҳокимаи диссертатсия муқарризони холис ва иштирокчиёни ҷаласа иштирок карда, андеша ва пешниҳоду эродҳои худро нисбат ба таҳқиқоти Суриева Шакармо иброз карданд.

Муқарризи расмӣ, доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Каримзода Мирзо Бадал. оид ба сифати диссертатсияи унвонҷӯ андешаҳояшро ба тbabri зайл баён кард. Кори илмии зикршуда дар доираи меъёрҳои муайяншуда иҷро шуда, мазмунан ба бандҳои 3,4,5-и шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ва талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Муҳаққиқ дар муқаддимаи тадқиқот зарурат, дараҷаи коркарди илмӣ, мавҷудияти

муаммо ва ихтилоф, ҳадаф, объект, предмет, фарзия, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаи маълумот ва заминаҳои эмперикию пойгоҳи таҳқиқотро мушаххас намуда, бо иҷрои вазифаҳои ба нақшагирифтааш ва гузаронидани озмоиши педагогӣ ба навгонии илмӣ дастёб шуда, нуктаҳоеро барои дифоъ пешниҳод кардааст, ки дараҷаи эътимоднокиву асоснокии натиҷаҳои тадқиқотро.собит менамояд.

Мавсуф ҳамчунин афзуд, ки натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар раванди корҳои беруназсинфии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, истифода кард, ки бевосита ба ташаккули худогоҳиву худшиносӣ ва ватандӯстии хонандагон мусоидат намуда, чун минбари таҷриба барои омӯзгорон хидмат менамояд. Каримзода М.Б. дар интиҳои баёни андеша таклиф намуд, ки диссертатсияи Суриева Ш.Ч. дар мавзуи “Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши «Тоҷикон» - и академик Бобоҷон Ғафуров” барои ҳимоя ба шурои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Муқарризи расмии дигар, номзади илмҳои педагогӣ, Дастам Маҳкамов Зимни суханрониаш қайд намуд, ки тарбияи ватандӯстии хонандагон яке аз масъалаҳои мубрами замони муосир маҳсуб ёфта, дар робита ба ин ба роҳ мондани омӯзиши таъриху фарҳанги миллӣ, аз ҷумла, асари “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мувофиқи мақсад мебошад. Дар шароити кунунӣ ва авзои тағйирёбандаи сиёсии ҷаҳон ташаккули худогоҳию худшиносӣ ва рушди ватандӯстии хонандагон яке аз масъалаҳои ҳалталаби муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба шумор меравад. Бо дарназардошти ин масъала, муҳаққиқ ба роҳ мондани омӯзиши таърихиву фарҳангии ниёконро омили асосии инкишофи худогоҳиву худшиносӣ ва ватандӯстии хонандагон шуморида, собит намудааст, ки донистани марзу буми аҷдодӣ ва таърихи фарҳанги миллӣ наврасон ва ҷавононро ба ҳимояи ватан омода мекунад. Инчунин, муқарриз дар хусуси навгонии илмии диссертатсия қайд намуд, ки зимни таҳқиқот унвонҷӯ мазмун ва моҳияти мафҳумҳои “Ватан”, “Ватандӯстӣ”,“ватандориву ифтихор кардан аз Ватан”-ро мушаххас намуда, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои самаранокии истифодаи онро пешниҳод кардааст.

Дар таҳқиқот исбот карда шудааст, ки то ба имрӯз дар таҷриба ва амалия тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши таърихи фарҳанги миллӣ, махсусан,“Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Мақсаду вазифаҳои таҳқиқот ва баррасии озмоишҳо ба муҳаққиқ имкон додаанд, ки ба як қатор саволҳои калидии ба мавзуи таҳқиқот дахлдошта ҷавоб гӯяд.

Дар фарҷоми сухан номзади илмҳои педагогӣ, Д. Маҳкамов таклиф намуд, ки кори илмию таҳқиқотии унвонҷӯ Суриева Ш.Ч. дар мавзуи “Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши «Тоҷикон» - и академик Бобоҷон Ғафуров” барои ҳимоя ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод карда шавад.

Муқаррризи расмии дигар, номзади илмҳои педагогӣ, Ҷонмаҳмадова Гулрафтор Шералиевна. қайд намуд, ки мабнои таҳқиқоти унвонҷӯ тарбияи ватандӯстии хонандагон зимни омӯзиши “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров мебошад, ки бевосита ба ташаккули худогоҳиву худшиносӣ ва тарбияи ватандӯстии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат мекунад.

Ҷонмаҳмадова Г.Ш. иброз дошт, ки таҳқиқоти илмии Суриева Шакармо .имкон медиҳад, ки дар асоси муносибати ҳадафмандона ба таълим, ба роҳ мондани омӯзиши махсус дар раванди корҳои беруназсинфӣ, ҳавасмандии хонандагон ба омӯзиши осори таърихиву фарҳангии ниёкон аз ҷумла, шоҳасари “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров зиёд гардида, дар ин замина хотираи таърихӣ, худогоҳию худшиносӣ, ифтихори ватандории онҳо инкишоф меёбад ва дар шароити инкишофи ҳамаҷонибаи давлати соҳибистиқлол ба рушди давлатдории миллӣ мусоидат мекунад. Дар охири сухан муқарриз пешниҳод кард, ки диссертатсияи Суриева Шакармо дар мавзуи “Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши «Тоҷикон» - и академик Бобоҷон Ғафуров” барои ҳимоя ба шурои диссертатсионӣ манзур карда шавад.

Муҳим будани диссертатсияи номзадии Суриева Шакармо дар он зоҳир мешавад, ки дар шароити муосир ва авзои сиёсии босуръат тағйирёбандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ масъалаи ташаккули тарбияи ватандӯстии хонандагон талаботи замон аст. Вале омӯзиш ва таҳқиқи истифодаи осори ниёгон дар самти ватандӯстиву ватандорӣ, махсусан, асари бунёдии «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон медиҳад, ки то имрӯз меъёр, равиши ягонаи омӯзиши асарҳои таърихиву фарҳангӣ.пешниҳод нашуда, мазмуну вазифаҳои он дар шароити соҳибихтиёрии ҷомеаи тоҷик муайян нагардидааст ва масъалаи ташаккули шахсияти рушдёфта ҳамчун барандаи сифатҳои ватандӯстӣ дар низоми умумии тарбия ва илми педагогика чандон васеъ омӯхта нашудааст.

Бо дарназардошти ин мушкилот унвонҷӯ зимни таҳқиқот, омӯзиши ҳамаҷонибаи масъала ва гузаронидани озмоишҳои педагогӣ технологияи муосири ташаккули худогоҳиву худшиносӣ ва рушди тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро

тавассути омӯзиши “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров муайян намудааст.

Муҳаққиқ мақсад, объкту предмет ва фарзияи таҳқиқоти диссертатсиониро дуруст муайян карда, дар ин замина корҳои зеринро иҷро намудааст. Аз ҷумла:

- вазъи тарбияи ватандӯстиро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омӯхта ва шарҳу тавзеҳ додааст;

- тарбияи ватандӯстииро ҷузъи таркибии тарбияи маънавӣ шарҳу тавзеҳ додааст;

- вазифа ва мазмуни фаъолияти мактаби муосирро дар самти тарбияи ватандӯстӣ муайян кардааст;

- мавқеи тарбияи ватандӯстиро дар асари бунёдии “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров ошкор намудааст;

- метод ва воситаҳои тарбияи ватандӯстии хонандагонро зимни омӯзиши “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров. муайяну пешниҳод кардааст.

Зимни иҷрои мақсаду вазифаҳо ва таҳқиқоти илмӣ диссертант ба навгониҳои илмии зерин комёб шудааст:

- мавқеи асари бунёдии “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуровро воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз ҷиҳати назариявию амалӣ асоснок кардааст;

- бори аввал барномаи махсуси омӯзишии «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров ва модели педагогии ташаккули сифатҳои ватандӯстиро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди истифода қарор дода, самарабахшии таҳқиқотро дар ташаккули худогоҳию худшиносӣ ва ватандӯстии хонандагон муайян кардааст;

- тавассути омӯзиши “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров ва фаъолиятҳои тарбиявию берунaзсинфӣ, хусусият, методу восита ва намудҳои тарбияи ватандӯстии хонандагонро дар шароити муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян намудааст, ки бевосита ба ташаккули худогоҳиву худшиносӣ, рушди эҳсоси ватанпарварӣ, муҳаббат ба Ватан миёни хонандагон мусоидат менамояд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар раванди озмоиши педагогӣ самарабахшии тарбияи ватандӯстии хонандагон дар раванди омӯзиши “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ санҷида шуда, хулосаҳо ва тавсияҳои методие пешниҳод гардидаанд, ки ба омӯзгорони муассисаҳои миёнаи умумӣ ҷиҳати омода намудани наврасону ҷавонони ватандӯст чун роҳнамо хизмат хоҳад кард.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳала таҳлилу ҷамъбаст гардида, мақолаҳои илмии зерини дар нашрияҳои илмии тақризшаванда чопнамудаи унвонҷӯ пурра мазмуни диссертатсияро инъикос мекунанд.

Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризии тавсияшудаи КОА-и назди Президента ҶумҳурииТоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М] Суриева Ш.Ч. Ватан, тарбияи ватандӯстӣ, вазифа ва мазмуни он дар мактаби муосир /Суриева Ш.Ч. [Матн] //Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Душанбе, № 1(42) 2022. -С.52-57. (ISSN 2222-9809).

[2-М] Суриева Ш.Ч. Роҳҳои ташаккули ифтихори ватандории наврасон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ / Суриева Ш.Ч. [Матн] //Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.-Душанбе, № 4.(14).2022. - С. 52-56. (ISSN 2074-1847).

[3-М] Суриева Ш.Ч. "Тоҷикон"- шиносномаи миллат ва раҳнамои ватандӯстӣ /Суриева Ш.Ч. [Матн] // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. - Душанбе, № 2 (49). -С.104-108. (ISSN 96-99).

[4-М] Туронов С.Ш., Суриева Ш.Ч. Восита ва шаклҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон зимни омӯзиши "Тоҷикон"-и академик Б. Ғафуров /Туронов С.Ш., Суриева Ш.Ч. [Матн] //Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. - Душанбе, № 1(41)2023. -С.5-10. (ISSN 2617-5320).

[5-М] Суриева Ш.Ч. "Тоҷикон"- асари бунёдӣ, хештаншиносӣ ва ватандӯстӣ/ Суриева Ш.Ч. [Матн] //Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. - Душанбе, 2023., № 2. - С.25-30. (ISSN 2074-1847).

**Б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд:**

[6-М] Туронов С.Ш., Суриева Ш.Ч. Барномаи озмоишии омӯзиши асари бунёдии "Тоҷикон"-и академик Бобоҷон Ғафуров дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. -Душанбе, "Сифат", 2022. -15 с.

[7-М] Туронов С.Ш., Суриева Ш.Ч. Бозтоби эҳсоси ватандорию ватандӯстӣ дар омӯзаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, пажуҳишҳои академик Бобоҷон Ғафуров ва осори ниёгон (дастури методӣ). -Душанбе, "Сифат" 2023. - 70 с.

**В) Маводи конференсия ва маърӯзаҳо:**

[8-М] Суриева Ш.Ч. Ҷанбаҳои педагогӣ ва психологии тарбияи ватандӯстии наврасону ҷавонон // Маводи конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Роҳ ва воситаҳои тайёр намудани омӯзгорони оянда ба корҳои тарбиявӣ дар мактаб" бахшида ба ҷашни 35 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 115-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров (8-9-уми июни соли 2023, ш.Хуҷанд). – Хуҷанд, 2023. - С. 284-289.

[9-М] Суриева Ш. Ч. Ҷанбаҳои педагогӣ ва психологии тарбияи

ватандӯстии наврасону ҷавонон / маъруза дар Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Асосҳои илмӣ-амалии фаъолияти психолог дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ – ш.Душанбе - 24.02.2023).

Бо дарназардошти хулосаи муқарризон ва таклифу пешниҳоди иштирокдорон ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

## ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Суриева Шакармо Чоршанбиевна дар мавзуи "Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши «Тоҷикон» - и академик Бобоҷон Ғафуров" кори илмии мустақилона ба анҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузоштааш ноил шуда ҳисоб карда шавад.
2. Диссертатсияи Суриева Шакармо Чоршанбиевна дар мавзуи "Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши «Тоҷикон» - и академик Бобоҷон Ғафуров", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.
3. Диссертатсияи Суриева Шакармо Чоршанбиевна дар мавзуи "Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши «Тоҷикон» - и академик Бобоҷон Ғафуров" барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ тавсия ва пешниҳод карда шавад.

Хулоса аз ҷониби котиби ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Тоҳириён Ш.А. мураттаб шуда, дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии ПРМ АТТ аз 07 сентябри соли 2023 бо протоколи № 09 қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 16 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: "Тарафдор" - 16нафар, "Зид" - нест, "Бетараф" - нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ,
роҳбари семинари илмӣ-методӣ, муовини
директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ П. Лутфуллоева

**Муқарризон:**
Доктори илмҳои педагогӣ,
саркотиби илмии Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон Каримзода М.Б.

Номзади илмҳои педагогӣ,
мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ,
миёна ва олии касбии Пажуҳишгоҳи
рушди маориф ба номи А. Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Д. Маҳкамов

Номзади илмҳои педагогӣ,
ходими калони илмии
Пажуҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Г.Ҷонмаҳмадова

Котиби ҷаласаи семинари илмӣ-методӣ,
номзади илмҳои филология,
сардори раёсати ташхис ва
тақризи адабиёти таълимӣ Тоҳириён Ш. А.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734025, ҶТ, ш. Душанбе, кӯч. Адҳамов, 11/2
Суроғаиэлектронӣ: prmatt@maorif.tj
Имзои П.Лутфуллоева, Каримзода М.Б., Д.Маҳкамов, Г.Ҷонмаҳмадова ва Ш. А. Тоҳириёнро тасдиқ менамоям.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба
номи Абдураҳмони Ҷомии
АкадемияиТаҳсилотиТоҷикистон Ҳакимова Х.С.